# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)

**Парвандаи аттестатсионии № 29**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.05.2025, № 29.2.**

Барои сазовор донистани Юсуфзода Исмоил Умарали, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат).

Диссертатсияи Юсуфзода Исмоил Умарали дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси: 6D051900-Ташкил ва ба меъёргири меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат), санаи 17 марти соли 2025 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси № 29.1 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012-и назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №12/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Юсуфзода Исмоил Умарали, соли таваллуд 14.12.1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2010 МДТ коллеҷи кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ аз рӯйи ихтисоси ҳисобгирии бухгалтерӣ дохил шуда, онро соли 2012 хатм намудааст.

Соли 2012 ба факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти истеҳсолоти аграрӣ дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Соли 2015 ба шуъбаи магистратураи донишгоҳи мазкур аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти истеҳсолоти аграрӣ дохил шуда, онро соли 2017 хатм намудааст.

Соли 2017 то соли 2020 дар шуъбаи рӯзонаи магистратура, докторантура ва аспирантураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси 6D060500- Иқтисодиёт таҳсил намудааст.

Имтиҳонҳои хатмкунии дараҷаи доктори Phd-ро бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Аз соли 2019 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Юсуфзода Исмоил Умарали дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз 3- юми майи соли 2018, қарори № 60 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемур иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Насиров Раҳимбек, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Қодирзода Диловар Бахридин** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
2. **Ҷурахонзода Саодат Ҷурахон** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби муовини аввали директори МД "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуѓли аҳолӣ"- и назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуѓли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.и. Васиев Ф. М. таҳия гардида, дар маҷлиси Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 10-уми марти соли 2025, протоколи № 7 муҳокима ва баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, Директори Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадбекзода М. Ш. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Юсуфзода Исмоил Умарали дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат), ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Муаллиф ба ҳадафҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комилан ноил гардидааст.

Натиҷаҳои илмӣ ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро дар илм шаҳодат медиҳад.

Тавсияҳое, ки муаллиф барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда дар соҳаи таҳқиқоти худ пешниҳод намудааст, асоснок буда, сифатан аз тавсия ва пешниҳодоти олимони дигар фарқ мекунанд. Муаллифи диссертатсия Юсуфзода Исмоил Умарали сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат) мебошад.

Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 15 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ НАШРШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Юсуфзода И. У. Ташкили ҷойи корӣ яке аз самтҳои танзими давлатии самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ [Матн] / И. У. Юсуфзода //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии Кишоварз ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе, 2025.-№ 2. (107).- ISSN 2074 – 5435

[2-М]. Юсуфзода И. У. Ҳавасмандӣ-омили муҳими таъмини самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ [Матн] / И. У. Юсуфзода //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии Кишоварз ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе, 2023.-№ 2. (99).- С. 273-278. ISSN 2074 – 5435

[3-М]. Юсуфзода И. У. Ҳолати ҳозираи демограӣ ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд [Матн] / И. У. Юсуфзода //Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе,2022.-№3. (57).- С. 139-.142 ISSN 2074 – 5435.

[4-М]. Юсуфзода И. У., Насиров Р. Ташкили оқилонаи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / И.У. Юсуфзода., Р. Насиров //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии Кишоварз ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе.-2020.-№1. (86).- С. 112-112 ISSN 2074-5435.

[5-М]. Юсуфзода И.У., Насиров Р., Анваров И.М. Идоракунии захираҳои меҳнати дар шароити бозор [Матн] / И.У. Юсуфзода., Р. Насиров., И.М. Анваров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2020.-№6.- С. 135-142 ISSN 2413 – 5151

### Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯйи маводҳои конференсия:

[6-М]. Юсуфзода И.У. Принсипҳои ташкили оқилона истифодабарии захираҳои меҳнатӣ [Матн] / И.У. Юсуфзода /Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Идоракунии соҳаи кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе,2025.- С. 46-49.

[7-М]. Юсуфзода И.У. Рушди механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / И.У. Юсуфзода /Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Такмили баҳисобгирӣ ва низоми молиявӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.- Душанбе,2024.- С.262-265.

[8-М]. Юсуфзода И.У. Захираҳои меҳнати ва роҳҳои мукаммалгардонии онҳо дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ [Матн] / И.У. Юсуфзода /Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Такмили баҳисобгирӣ ва низоми молиявӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.- Душанбе, 2024.- С.268-272.

[9-М]. Юсуфзода И.У., Ятимова Б.М. Захираҳои меҳнатӣ ва ҳолати истифодабарии онҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / И.У. Юсуфзода., Б.М. Ятимова /Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи

«Масъалаҳои муҳими самаранок истифодабарии заминҳои корам дар шароити биологикунонӣ ва экологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.- Душанбе,2022.- С.199-205.

[10-М]. Юсуфзода И.У., Ятимова Б.М. Ташкили оқилона идоракунии захираҳои меҳнатӣ [Матн] / И.У. Юсуфзода., Б.М. Ятимова /Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳими самаранок истифодабарии захираҳои обию заминӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва тағийрёбии иқлим» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.- Душанбе,2022.- С.263-268.

[11-М]. Юсуфзода И.У., Ятимова Б.М. Истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / И.У. Юсуфзода Б.М. Ятимова /Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Саноатикунони ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур Душанбе.-2021.- С.265-270

[12-М]. Юсуфзода И.У., Насиров Р. Асосҳои назариявии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ. [Матн] / И.У. Юсуфзода., Р. Насиров /Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Инноватсия омили самарабахши алоқаи илм ва истеҳсолот» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе,2019.- С. 416-420.

[13-М]. Юсуфзода И.У. Омилҳои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / И.У. Юсуфзода /Маводҳои конфронси илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Технологияи инноватсионии нигоҳдори ва коркард, логистикаи меваю сабзавот: нигоҳе ба оянда» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе, 2019.- С.405-406.

[14-М]. Юсуфзода И.У., Анваров И.М., Саидов М.С. Трудоспособность и занятость насиления- важное условие организации труда [Текст]/ И.У. Юсуфзода., И.М. Анваров., М.С. Саидов /Маводҳои конфронси илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Инноватсия омили самарабахши алоқаи илм ва истеҳсолот» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе,2019.- С. 176-179.

[15-М]. Юсуфзода И.У., Анваров И.М., Ятимова Б.М. Консепсяи идоракунии захираҳои меҳнати дар шароити бозор [Матн] / И.У. Юсуфзода., И.М. Анваров., Б.М. Ятимова /Маводҳои конфронси илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таъминоти инноватсионии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ» ДАТ ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур.-Душанбе, 2018.-С. 62-64.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. Қутратов Рустам Раҳматович.- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1. Баъзе аз ҷадвалҳои дар автореферат овардашуда, таҳлили начандон пурраро дороянд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат истилоҳоти мушкилфаҳм ва ғалатҳои имлоӣ мушоҳида мешавад.

2. Мирсаидов Аврор Бобоевич доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба илми Института иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эрод: Дар мавриди таҳлили

механизмҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бояд шуғли маҳсулнок ҳамчун меъёр арзёбӣ мегардид.

3. Хоҷаева Дилором Абдусамадовна. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор декани факултнти техгологияҳои инноватсионӣ ва баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод: 1. Дар автореферат (с. 15) муаллиф нишондиҳандаҳои истифодабарии захираҳои меҳнатиро овардааст, беҳтар мешуд, ки онҳоро ба тариқи ҷадвал ва методикаи ҳисоб намудани онҳоро равшантар муаррифӣ менамуд.

4. Султонов Мусулмон Субҳонович. – Муовини декан оид ба илм ва иноватсияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эрод: 1. Дар автореферат як қатор хатоиҳои хусусияти техникӣ ва имлоӣ дошта мавҷуданд, ки дар натиҷа қимати илмӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сифати меҳнатии коргарон муайян гардидааст;

- механизми ташаккул ва рушди механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити муосир муқаррар гардида, арзёбии таъсири омилҳо ба он таҳия карда шудааст;

- тадбирҳо оид ба такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ пешниҳод гардидааст, ки рушди тамоми бахшҳо ва падидаҳои марбути соҳа, инчунин такмили ҳавасмандгардонии музди меҳнат бо назардошти якчанд равандҳо таҳия ва амалӣ намоянд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:***

- Моҳият, зарурият ва аҳаммияти захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти таҷрибаи олимони ватанӣ ва бурунмарзӣ таҳлил шуда, механизмҳои самараноки истифодаи онҳо ва ташкили муносибатҳои

иқтисодӣ дар ин самт баррасӣ гардидаанд.

- Вазъи кунунии бозори кишоварзии меҳнат дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигар бо назардошти равандҳои макроиқтисодӣ ва ҷаҳонишавӣ таҳлил гардида, самтҳо, механизмҳо ва усулҳои танзими он пешниҳод шудаанд, ки барои беҳтар кардани истифодаи захираҳои меҳнатӣ мусоидат мекунанд.

- Истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғд ва хоҷагиҳои мушаххас бо дарназардошти омилҳои табиӣ, демографӣ ва иқтисодӣ анҷом дода шуда, самтҳои афзоиши ҳосилнокӣ ва истифодаи самараноки онҳо мушаххас карда шудаанд.,

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва семинарҳои илмӣ (солҳои 2017-2024) дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардида, мунтазам мавриди муҳокима қарор дода шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта аз ҷумла барои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, унвонҷӯён, коргарони илмӣ, донишҷӯён дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз фанҳои «Ташкили илмии меҳнат», «Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Асосҳои демография», «Бозорҳои кишоварзӣ» истифода шуда метавонанд.

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои гузаронидани тадқиқот дар самти такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ, инчунин қабули қарорҳои муайян дар муносибатҳои муосири идоракунӣ шароит фароҳам меорад.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои олимони ватанӣ ва бурунмарзӣ, ҳамчунин механизми истифодаи захираҳои меҳнатӣ асос ёфтааст**;**

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конфронсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Ҳамаи давраҳо аз рӯйи иҷрои нақшаҳои кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмилдиҳии методикаи муайян намудани самаранокии иқтисодӣ, омилҳои таъсиррасонанда ва такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ саҳми худро гузоштааст, дар ҷадвали 1.2.1 акси худро ёфтааст. Унвонҷӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои илмӣ-амалиро оид ба такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ пешниҳод намудааст, ки таъсири бевоситаи худро ба сатҳи иқтисодии соҳаи кишоварзӣ хусусан коргарони он мерасонад.

- дар омода ва нашр кардани рисолаи илмӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 аз санаи 31.05.2025 қарори сазовор донистани Юсуфзода Исмоил Умарали барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ - 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 4 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат), тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Қодирова З. Ҳ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**

*Санаи барасмиятдарории хулоса - 31 майи соли 2025*